«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
____________Фақеров Ҳ.Н.
«____» ____________соли 2020

**Тақризи**
**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия**. Диссертатсияи номзадии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» (Душанбе, 2020, 176 с.) дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва қонунгузории ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ бо як чанд омилҳо аз ҷониби муаллиф воқеъан асоснок карда шудааст: Аввалан, мусодираи молу мулк ҳамчун воситаи асосии ҳуқуқи ҷиноятии муқовимат бо бойшавии ғайриқонунӣ, пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ, террористӣ ва экстремистидошта баромад менамояд. Аз соли 1989 инҷониб дар сатҳи байналмилалӣ гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба софкории пул амал мекунад. FATF – ташкилоти байниҳукуматие мебошад, ки бо коркарди стандартҳои ҷаҳонии муқовимат бо софкории даромадҳои бо роҳи ҷиноятӣ бадастоварда ва маблағгузории терроризм машғул аст. ҶТ аъзои ин гурӯҳ аст. Бинобар ин, вобаста ба тавсияҳои гурӯҳи номбурда соли 2013 тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ ворид гардидааст, ки табиати ҳуқуқӣ ва мазмуни мусодираи молу мулкро ба тағйиротҳои куллӣ дучор намуд. Дуюм, дар м. 57 КҶ ҶТ муқаррароти нави ҳуқуқии мусодираи молу мулк мавҷуд аст, ки аз муқаррароти қаблан вуҷуддошта фарқ менамояд: дар он ба предмети мусодираи молу мулк, намудҳои он ва шароити корбурдаш ишора карда шудааст, имкони қаблан ба қонунгузории ҷиноятӣ номаълуми мусодираи маблағи пулӣ ба ҷои молу мулк (қ. 4, м. 57 КҶ ҶТ) ва ҷуброни зарари расондашуда (қ. 5, м. 57 КҶ ҶТ), инчунин, намуд ва шартҳои корбурди он пешбинӣ шудааст. Сеюм, дар шароити шаклгирии «фазои ҳуқуқӣ» дар муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқсозии минбаъдаи қонунгузори ватанӣ дар бораи мусодираи молу мулк бо муқаррароти байналмилалии муқарраргардидаи ҳуқуқӣ, инчунин, омӯзиш ва истифодабарии моделҳои қобили қабули батартибандозии мусодираи молу мулк дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ бисёр муҳимму мубрам ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар самти “Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ” анҷом дода нашудааст ва ин рисолаи

илмии мазкур бо навгониҳои худ ва тарзи тадқиқот метавонад барои татбиқи ин ҷазо дар амалияи аҳамияти хоса дошта бошад.

Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин проблемаҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10,11,12,13,14,15,16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи ҷазои мусодираи амвол мусоидат мекунад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад, яъне дар он танҳо масъалаи “Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ” мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобоҳо ва зербобҳои диссертатсия бодарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пай дар ҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Мусодираи молу мулк ин бо ҳукми судӣ маҷбуран ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молу мулки бо роҳи ҷиноятӣ андӯхташудаи маҳкумшуда мебошад. Аломатҳои мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ аз инҳо иборат аст: а) мусодираи молу мулк чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, дар ситониши маҷбурии молу мулк аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ зоҳир мегардад; б) мусодираи молу мулк танҳо бо ҳукми айбдоркунандаи суд таъин карда мешавад; в) таъини мусодираи молу мулк хислати оммавӣ дорад; г) мусодираи молу мулк дар нисбати моликияте таъин мегардад, ки шахс бо роҳи ҷиноят дарёфт кардааст ва айби вай дар содир кардани ҷиноят исбот шудааст; д) моҳияти ҷазодиҳандагии мусодираи молу мулк дар маҳрумкунии имкони корбурди моликият, чи ғайриқонунӣ дарёфтшуда ва чи дар ихтиёри қонунии айбдорбуда, зоҳир мешавад.

2. Чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ чораи маҷбуркунии давлатие ҳастанд, ки дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ пешбинӣ нашудаанд. Ҷазои мусодираи молу мулк ба фарқ аз чораҳои дигари дорои хусусияти

ҳуқуқии ҷиноятӣ мустақилона таъин гашта наметавонад. Ба сифати объекти асосии таъсиррасонии ҷазои мазкур молу мулке баромад менамояд, ки ҳангоми содиршавии ҷиноят ба даст омадаанд, молу мулке, ки дар фаъолияти ҷиноятии дар қонун муайяншуда истифода ё таъин шудаанд, инчунин, олот ва дигар воситаҳои содир кардани ҷиноят. Мусодираи молу мулк ҷазое ба ҳисоб меравад, ки ҳуқуқҳои молу мулкии маҳкумшударо маҳдуд месозад.

3. Зарурияти мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк дар низоми ҷазои ҷиноятӣ дар шароити муосири давлатдории ҶТ бо назардошти омилҳои зерин зарур аст: а) мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк дар мубориза бо маблағгузории терроризм, гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, воҳиди мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) саҳми беандоза дорад, чунки тавассути он ҷинояткорон аз базаи моддию молӣ маҳрум мегарданд; б) мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк динамикаи содири ҷиноятҳои ғаразнокро кам менамояд ва ба дигарон ибрат мегардад, ки аз роҳҳои ғайриқонунию ғаразнок бой гардидан оқибати бад дорад; в) мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк ба мақсадҳои ҷазо, принсипҳо ва вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат менамояд. Бо назардошти омилҳои мазкур мақсади мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ чунин аст: барқарор намудани адолати иҷтимоӣ; пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав; барқарор намудани мақоми ҳуқуқии моликият; маҳрумкунии маҳкумшуда аз ҳуқуқҳои молу мулкӣ; ҷуброни моддӣ барои зарари расонидашуда; роҳ надодан ба таъмини молии терроризм, экстремизм ва ҷинояткории муташаккил.

4. Мақсади мусодираи молу мулк ин натиҷаи ниҳоиест, ки давлат, бо муқаррар сохтан ва истифода бурдани мусодираи молу мулк, чун намуди ҷазои ҷиноятӣ, кӯшиш дорад, то ба даст орад. Барқарор намудани адолати иҷтимоӣ маънои онро дорад, ки, чун ба ҷамъияту давлат дар маҷмӯъ бо ҷиноят зарар ворид карда шудааст, пас, бояд ҷуброни он аз ҳисоби маҳдуд ё маҳрум сохтани айбдор аз ҳуқуқу озодиҳо зарур аст. Мақсади барқарор сохтани адолати иҷтимоӣ нисбати шахси айбдоршаванда дар ҷазои одилона додан ба ҷинояткор ошкор мегардад. Ислоҳи маҳкумшуда ин даровардани тағйирот дар шахсияти ҷинояткор мебошад, ки дар натиҷаи он маҳкумшуда дигар хавфнокияшро дар назди ҷомеа ва мардум гум мекунад. Пешгирии ҷиноят чун мақсади мусодира маҳз ба худи шахси айбдор ва ба шахсони дигар, ки молу мулки бо роҳи ғайриқонунӣ бадастовардашуда ё олоту воситаҳои содиркунии ҷиноятро истифода мекунанд, равона мегардад. Пешгирии ҷиноят, пеш аз ҳама, ҷиҳати ситонидани молу мулки ба айбдор мутааллиқ нигаронида шудааст, ки ба сифати воситаҳои содиркунии ҷиноят, инчунин, барои маблағгузории терроризм, гурӯҳи муташаккил, иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) истифода карда мешавад ё таъин гардидааст. Маҳз бо худи факти ситонидани молу мулк давлат кӯшиш мекунад, ки

истифодабарии предметҳои додашуда ё молу мулкро дар ҷиноят қатъ намояд.

5. Иҷрои дурусти ҷазои ҷиноятӣ дар намуди мусодираи молу мулк хусусияти таъсиррасонии иқтисодии ҷазоро таъмин намуда, барои ба таври ройгон гирифтани молу мулк бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда, бартарафу пешгирӣ намудани дорошавии беасос ва дар маҷмӯъ, барои барқарор кардани адолати иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Баръакс, беасос таъин накардани чунин ҷазои ҷиноятӣ ё худ таъмин накардани иҷроиши ҷазои таъиншуда ҳолатҳои дорошавии беасосро беаҳамият гузошта, дар шахси гунаҳгор ҳисси беҷазоиро ба миён меоварад. Татбиқи дурусти институти мусодираи молу мулк барои ғанӣ гардонидани буҷаи давлатӣ низ нақши муҳим дорад.

6. Барои сабукгардонии кори мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, ки марҳилаи аввали иҷрои мусодираи молу мулк (саҳеҳтараш: ҳабсгузорӣ ба микдори молу мулк)-ро амалӣ менамояд, бояд рӯйхати молу мулки бо қарори суд мусодиранашаванда дар КМҶ ҶТ такроран оварда шавад.

Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар зиёда аз 21 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маъруза дар конференсияи илмӣ-назариявии устодони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии ҶТ (н. Рашт, с. 2016), конференсияи илмӣ-назаривии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами таърихнигории тоҷик дар давраи муосир» (н. Рашт, с. 2017), маҷмӯи мақолаҳои бисту дуюми конференсияи илмии байналмилалии «Озодӣ ва ҳуқуқ» (12 феврали соли 2018, вилояти Кемерови ФР), конференсияи LVII илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Раванди интегратсионии ҷаҳони илм дар асри XXI» (28 феврали соли 2018, шаҳри Қазони ФР), конференсияи LVII илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқшиносӣ ва асосҳои рафтори ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосири шаҳрвандӣ» (23 феврали соли 2018, шаҳри Қазони ФР), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Соҳаи дониш: масъалаҳои муосири марҳилаи инкишофи

фикрҳои илмӣ» (28 марти соли 2018, шаҳри Қазони ФР), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Соҳаи дониш: масъалаҳои таъсири илм ба равандҳои муосири маориф» (26 июли соли 2018, шаҳри Қазони ФР) ва конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Соҳаи дониш: масъалаҳои продуктивии таъсири илм ба асри XXI» (29 августи соли 2018, шаҳри Қазони ФР), конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Нақши Конститутсия дар инкишофи қонунгузории ҶТ (03 ноябри соли 2018, н. Рашт), конференсияи LXX илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун асоси ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқӣ: масъалаҳои муосири марҳилаи инкишофи фикрҳои илмӣ» (27 марти соли 2019, шаҳри Қазони ФР) ва конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар ҶТ: роҳҳо ва натиҷаҳои он (Душанбе, ДМТ, 2019) нашр шудааast.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯй.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни "Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ", аз ҷумла рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк; таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк; табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк; мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк; мақсади мусодираи молу мулк ва монанди инҳо ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни мусодираи молу мулк ташкил медиҳад. Асоси таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони шӯравӣ ва пасошӯравӣ, инчунин, асарҳои илмӣ дар соҳаҳои фалсафа, назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи граждании ва ғайра ташкил додааст.

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** усулҳои таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои умумиилмии фалсафӣ, аз ҷумла категорияи фалсафии «мафҳум», «мақсад», «низом», «табиат», «моҳият» тавассути усулҳои таҳқиқи диалектикӣ ва материалистӣ муайян карда шуд. Бо истифода аз усул ва принсипҳои умумиилмӣ дар диссертатсия мафҳумҳои илмии «мафҳуми мусодираи молу мулк», «мақсади мусодираи молу мулк» ва «табиат ва моҳияти мусодираи молу мулк» таҳқиқ ва ошкор карда шуда, вобастагии муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба талаботҳои объективии ҳаёти ҷомеа нишон дода шуд. Илова бар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили

таҳлили оморӣ ва сотсиологӣ истифода бурда шуд. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ, мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-таркибӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуда, тавассути он ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавзӯи баррасишаванда ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба мусодираи молу мулк бо дигар давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифт.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвоҷӯй, ки дар диссртатсия баён гардиданд.** Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба “Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ” буда, он ба мукаммалсозии қонуни ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷазои мусодираи амвол равона гардидааст. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ таҳқиқ шудааст. Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

– таҳлили рушди қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк;

– баррасии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк;

– муайян намудани табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк;

– ошкор намудани мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк;

– омӯзиши мақсади мусодираи молу мулк;

– баррасии масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ пешниҳодҳои зерини муаллиф саривақтӣ ва судманд мебошанд:

–1. Қисми 1, м. 57 КҶ ҶТ бояд дар таҳрири зайл оварда шавад: «Мусодираи молу мулк ин бо ҳукми судӣ маҷбуран ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молу мулки бо роҳи ҷиноятӣ андӯхташудаи зерини маҳкумшуда мебошад». Ҳамчунин, дар бандҳои «а», «б» ва «в», қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ ибораи «арзишҳо» ба «чизҳои қиматбаҳо» иваз карда шавад. Зеро арзишҳо маънои васеъ дошта, ҳаёти инсон, қадру қимат, номус, саломатӣ ва ғайраро ифода менамояд ва ҳеҷ иртибот ба молу мулк надорад. «Чизҳои қиматбаҳо» бошад, маънои мушаххас дорад ва ба молу мулк рабт дорад.

–Лозим ба қайд аст, ки маблағҳои пулӣ, чизҳои қиматбаҳо, суратҳисобҳои бонкӣ, саҳмияҳои ширкатҳо, амволи манқул ва ғайриманқул ва дигар молу мулке, ки барои маблағгузории на танҳо «терроризм», балки барои «экстремизм», «ғасби ҳокимият», «тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ», «тамомияти марзӣ» истифода мешаванд ё пешбинӣ шудаанд, мавриди мусодира бояд қарор дода шавад. Истифода ва ба назар гирифтани чунин истилоҳот мазмуни б. «в», қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ-ро муназзам ва ғанӣ мегардонад. Ҳамчунин, истифодаи мафҳуми «арзишҳо» муайяну мушаххас нест, зеро «арзишҳо» ҳам хусусияти молу мулкӣ ва ҳам хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ

(ҳаёт, саломатӣ, қадру қимат, обрӯ ва ғ.)-ро ифода менамояд. Илова бар ин, банди «г» қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ бояд хориҷ карда шавад. Чунки ситонидани воситаҳои содир намудани ҷиноят чораи мурофиавист, на чораи ҷиноятӣ. Сарфи назар аз он ҳамчун чораи мурофиавӣ олот ва воситаҳои содири ҷиноят ситонида мешавад.

–2. Дар қ. 5, м. 57 КҶ ҶТ ибораи «талофӣ гардидани» ба калимаи «ҷуброни» иваз карда шавад. Чунки зарари ба соҳиби қонунӣ расонидашуда ҷуброн мегардад, на талофӣ. Истифодаи калимаи «ҷуброн» фаҳмо ва муназзам ба назар мерасад. Ҳамчунин, калимаи «талофӣ», ки дар қ. 6, м. 57 КҶ ҶТ оварда шудааст, ба калимаи «ҷуброн» иваз карда шавад.

–3. Қисми 7, м. 57 аз КҶ ҶТ хориҷ карда шавад. Чунки ин меъёри ҳуқуқӣ ба Конститутсияи ҶТ мухолифат менамояд. Дар қ. 4, м. 20 Конститутсияи ҶТ омадааст: «Мусодираи пурраи молу мулки маҳкумшуда манъ аст». Дар сурати мухолифати меъёрҳои қонунҳои ҷорӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, ба Конститутсияи ҶТ афзалият ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ дода мешавад.

–4. Қисми 8, м. 57 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл оварда шавад: «Мусодираи молу мулке, ки барои маҳкумшуда ва ашхоси то давраи қабули ҳукм дар таъминоташ буда заруранд, мувофиқи рӯйхати дар КИҶҶ ҶТ пешбинигардида манъ аст». Феъли «манъ аст» дар қ. 4, м. 20 Конститутсияи ҶТ истифода бурда шудааст: «Мусодираи пурраи молу мулки маҳкумшуда манъ аст». Аслан, истилоҳоти қонунгузорӣ бояд як хел истифода шавад, вагарна боиси нофаҳмиҳои матнҳои қонунгузорӣ мегардад ва рақобати нодурусти меъёрҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Ҳамчунин, илова намудани ибораи «ашхоси то давраи қабули ҳукм дар таъминоташ буда» дар қ. 8, м. 57 КҶ ҶТ бисёр муҳим ба назар мерасад. Зеро маҳкумшуда баъди баровардани ҳукми суд ба таври пурра дар таъминоти оила, фарзанд ва падару модараш қарор мегирад.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқи исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илимӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Ба монанди:

1. Дар пешниҳоди сеюм қайд гардидааст, ки мусодираи молу мулк ҷазое ба ҳисоб меравад, ки ҳуқуқҳои молу мулкии маҳкумшударо маҳдуд месозад. Бояд қайд намуд, ки мусодираи молу мулк ҳуқуқҳои молу мулкии маҳкумшударо на маҳдуд, балки маҳрум месозад. Яъне моликият аз шахси гунаҳгор ба фоида давлат рӯёнида шуда, соҳибмулк ҳуқуқҳои соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдориро пурра аз даст медиҳад.

Шарҳи муаллиф вобаста ба ҳолати мазкур талаб карда мешавад.

2. Ҳангоми таҳлили мақсади ҷазои мусодираи амвол, муаллиф диққати асосиро дар бораи проблемаҳои умумии институти мақсади ҷазо дода, ба мӯҳтавои мақсади ҷазои мусодираи амвол камтар аҳамият додааст. Масалан:

а) Ҳангоми таҳлили барқарор намудани алолати иҷтимоӣ ҳамчун мақсади ҷазо (саҳ. 108-113), масъалаи таъсири мусодираи амвол ба барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба таври дахлдор таҳлил нашудааст, яъне диққати асосӣ ба таҳлили масъалаҳои умумие, ки ба мусодираи амвол таалуқ надоранд, дода шудааст.

б) Ҳангоми таҳлилиислоҳи маҳкумшуда ҳамчун мақсади ҷазо сухан умуман дар бораи таъсири мусодираи амвол ба ислоҳи маҳкумшуда намеравад ва он низ хусусияти умумӣ дорад.

Шарҳи муаллиф вобаста ба ҳолати мазкур талаб карда мешавад.

3. Дар саҳифаи 116 муаллиф менависад: - мақсади якуми мусодираи молу мулк ***барқароркунии на вазъи моддии ҷабрдида,*** балки муносибатҳои ҷамъиятиест, ки бо дарёфти ҷиноятии молу мулк, соҳибшавӣ ба молу мулки мутобиқ, истифодабарии он ба сифати воситаи содиркунии ҷиноят ё барои маблағгузории терроризм, гурӯҳҳои муташаккил, созмонҳои мусаллаҳона ғайриқонунӣ, ташкил намудани иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) мебошад.

Аз гуфтаи муаллиф чунин бармеояд, ки мақсади мусодираи молу мулк ин истифодабарии он ба сифати воситаи содиркунии ҷиноят ё барои маблағгузории терроризм, гурӯҳҳои муташаккил, созмонҳои мусаллаҳона ғайриқонунӣ, ташкил намудани иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) мебошад. Баръакс, мақсади асосии мусодираи молу мулк ***ин барқароркунии вазъи моддии ҷабрдида*** бояд бошад. Зеро дар қ. 5 м. 57 қайд карда шудааст, ки ҳангоми ҳалли масъалаи мусодираи молу мулк мутобиқи қисмҳои 1-4 57 КҶ ҶТ, дар навбати аввал бояд масъалаи талофӣ гардидани зарари ба соҳиби қонунӣ расонидашуда, ҳал карда шавад.

Шарҳи муаллиф вобаста ба ҳолати мазкур талаб карда мешавад.

4. Мафҳуми мусодираи молу мулк, ки дар м. 57 КҶ ҶТ муқаррар шудааст ва муаллиф онро ҷонибдорӣ намудааст ба ислоҳот ниёз дорад. Яъне дар он омадааст, ки мусодираи молу мулк дар асоси ҳукми айбдоркунанда маҷбуран ва ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молу мулки маҳкумшуда мебошад. Дар ин мафҳум пеш аз ҳама масъалаи "талофӣ гардидани зарари ба соҳиби қонунӣ расонидашуда( ғайр аз давлат)" низ бояд ҷойгир карда шавад.

Шарҳи муаллиф вобаста ба ҳолати мазкур талаб карда мешавад.

Ҳамзамон эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ин сифати мусбии диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд, дар таҳқиқоти илмии "Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ" ва мукаммалсозии қонунии ҷиноятӣ вобаста ба мусодираи молу мулк истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди қонуни ҷиноятӣ дар соҳаи мусодираи амвол мусоидат карда, сабаби такмили яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонуни ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи м. 57 КҶ ҶТ ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, ин пешниҳодҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гирад.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин дар автореферат дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, муаллифи он Зокирзода Зафар Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи

ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қудратов Н.А. омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ 27 апрели соли 2020 (протоколи №12) муҳокима ва дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 4 майи соли 2020 (протоколи №10) ҷонибдорӣ карда шудааст.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони
кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Рустамов Ҷ.Ю.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи
иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоев С.А.

«Имзои Қудратов Н.А., Рустамов Ҷ.Ю.
ва Мирзоев С.А. - ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва ҳуҷҷатгузории
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мумтоз Назирӣ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½ Тел.: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru http//www/tguk/ru